# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии унвонҷӯй Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи “Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

Бобозода Комил Олимҷон соли 2009 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимиро бо ихтисоси “Ташкили интиқол ва идоракунӣ дар нақлиёт” бо дипломи аъло хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии худро аз моҳи сентябри соли 2009 ба сифати ассистенти кафедраи “Ташкили интиқол ва идоракунӣ дар нақлиёт”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оғоз намудааст.

Солҳои 2010 – 2011 ба ҳайси мутахассис дар идоракунии кашонидан дар Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи Оҳани Тоҷикистон» фаъолият кардааст.

Аз моҳи ноябри соли 2011 то моҳи декабри соли 2014 дар аспирантураи рӯзонаи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ таҳсил намуда, дар давраи муқарраршудаи таҳсил барномаи аспирантураро бомуваффақият аз худ намуд ва диссертатсияи номзадиашро дар мавзӯи «Самаранокии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиёти минтақавӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар шурои диссертатсионии Д 999.020.02 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд ва соли 2016 сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардид.

Аз моҳи ноябри соли 2017 то декабри соли 2020 дар риштаи докторантураи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳсил карда, дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)» диссертатсияи илмиашро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ саривақт барои муҳокима пешниҳод намуд.

Соҳаи таваҷҷуҳи илмии Бобозода К.О. омӯзиши масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиёти Тоҷикистон ва проблемаҳои ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо назардошти таъсири онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бобозода Комил Олимҷон усулҳои муосири математикии таҳлил ва тадқиқоти иқтисодиро медонад ва онҳоро дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ татбиқ кардааст. 2 монография нашр кардааст ва дар 2 монографияи коллективии дигар ҳаммуаллиф мебошад, 34 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла

20 мақола дар нашриёҳои тақризшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар нашриёҳои ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ нашр карда, инчунин таҳқиқоти диссертатсиониашро тайёр кардааст. Унвонҷӯй худро ҳамчун таҳқиқотчии тахассуснок, бо тайёрии баланди назариявии доштааш дар соҳаи ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва донистани методҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, методология ва методикаи гузаронидани таҳқиқоти кори илмиро нишон дода тавонист.

Хизмати муаллифро ҳамчун таҳқиқотчӣ дар интихоби дурусти мавзӯи муҳими таҳқиқотии илмӣ эътироф кардан мумкин аст. Дар навбати худ хуб донистани проблемаҳои таҳқиқот ба муаллиф имконият дод, ки дар ҷараёни кори таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳолати ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилиро таҳлил намуда роҳҳои баландбардории ташкили кори соҳаро дар мисоли инфрасохтори нақлиёти автомобилии Тоҷикистон асоснок намояд.

Бобозода Комил Олимҷон бисёр маводҳо ва маълумотҳои омориро оиди мавзӯи таҳқиқотиаш ҷамъ оварда кор кардааст. Дар натиҷа муаллиф таҳқиқоти илмии муҳим ва саривақтиро иҷро карда кори диссертатсиониро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ пешниҳод намуд. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқои илмӣ ҳангоми ҳаллӣ масъалаҳои иқтисодии мураккаб мустақилият ва боварии комил доштанро нишон дод. Ин ба муаллиф имкон дод, ки бо хислатҳои баланди меҳнатдӯстӣ ва эҷодкории доштааш натиҷаҳои илмии шахсиро соҳиб шавад, ки навигариҳои илмӣ доранд.

Дар рафти таҳқиқоти кори диссертатсияи илмӣ Бобозода Комил Олимҷон ба нишондодҳои роҳбари илмӣ ва гуфтаҳои дигар мутахассисон муносибати бодиққат карда мувофиқан натиҷаҳои баланди илмиро соҳиб гаштааст. Вай кушиш кард, ки моҳияти масъалаҳои мавзӯи таҳқиқотиро пурмаъно кушояд ва аз натиҷаҳои гирифта чандин маротиба дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва форумҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад кардааст.

Бобозода Комил Олимҷон ба сифати мутахассис дар коркард ва тайёр кардани ҳисоботҳои илмӣ-таҳқиқотии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар солҳои 2011 - 2023 фаъолона иштирок кардааст. Тавсияҳо ва пешниҳодҳои асосноки унаонҷӯй дар таҳияи Барномаи миёнамуҳлати рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 истифода шудаанд.

Таҳти роҳбарии Бобозода Комил Олимҷон диссертатсияи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ҳимоя карда шуд, ки ин вайро ҳамчун олими собитқадамона ва мустақилона масъалаҳои илмиро гузошта, ҳал карда метавонад, тавсиф мекунад.

Барои иштироки фаъолонаи меҳнатӣ ва корҳои ҷамъиятӣ Бобозода Комил Олимҷон аз тарафи роҳбарияти Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қадршиносӣ карда шудааст ва сазовори ифтихорнома гардидааст.

Дар навиштани кори диссертатсионӣ Бобозода Комил Олимҷон фаъолияти мустақилона ва муносибати эҷодкорона нишон дода тавонист. Кори диссертатсионии навишта тайёр кардаи муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ кори илмӣ-тадқиқотии аз ҷиҳати мантиқӣ анҷомёфта буда, дорои равишҳои нави омӯзиши назария ва методологияи рушд ва такмили ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дорои навигариҳои илмӣ мебошад.

Бо назардошти навиштаҳои боло ҳисоб кардан мумкин аст, ки Бобозода Комил Олимҷон мақсад ва вазифаҳои дар навиштани кори диссертатсионӣ дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ҳал кардааст. Вай дар кори диссертатсионӣ муносибатҳои нави иқтисодиро оиди асоснок кардани роҳҳои баландбардории ташкили истеҳсолоти инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

Сохтор, мазмун ва сифати кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи докторӣ пурра ҷавобгӯй аст ва унвонҷӯй Бобозода Комил Олимҷон сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**маркетинги соҳавӣ ва**
**байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3, ДТТ.**
**Тел.: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам**
**Мудири ШК ва КМ ДТТ** **Бухориев Н.А.**

4.09.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ